## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмии дуюм ба рисолаи номзадии Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич дар мавзӯи “Таълими рӯзгору осор ва ақидаҳои педагогии Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик)**

Мусаллам аст, ки аз баргузидатарин ва тавонотарин мактабҳо дар асрҳои миёна мактаби фиқҳии Имом Абӯҳанифа маҳсуб мегардад, ки бо равиши хосаи худ на танҳо дар Шарқи мусулмонӣ, инчунин дар саросари ҷаҳони ислом шӯҳрати беназир касб намудааст. Вуҷуди чунин мактабҳо бори дигар собит месозад, ки мактабҳои гузашта бо раванди мушаххас ва тарзи таълими арзишманди худ дар омӯзонидани шогирдони кӯшо ва бодониш намунаҳои беҳтарини макотибу мадориси машриқзаминро дар маърази таълим қарор додаанд. Дар майдони таълиму тарбият бунёди илмиву амалии чунин маркази тадрис бо тақозои замон бо ибтикору эҳтимоми фардҳои сарсупурдаи ислом аз миллати тоҷик устувор гардидааст.

Мавзӯи рисолаи Саидаҳмадов Мирзоҳомид, ки доир ба таълими рӯзгору осор ва ақидаҳои педагогии Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ баҳс мекунад, иқдоми муҳим ва падидаи ҷолиби илмӣ дар таҳқиқи масъалаҳои марбут ба омӯзиши илм ва шеваҳои таълим дар гузашта ба ҳисоб меравад.

Арзиши илмӣ ва тозагии рисолаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст аз назария ва методикаи таълими муосири тоҷик шеваи омӯзиши рӯзгору осор ва андешаҳои илмии Имоми Аъзамро таҳқиқ намуда, ҷойгоҳи онро дар усули тадриси мактабу мадориси замони густариши ислом муайян намудааст.

Кори диссертатсионии унвонҷӯ фарогири муқаддима, 3 боб, 12 фасл, хулоса ва китобнома мебошад. Мӯҳтаво, масъалагузорӣ ва шарҳу тавзеҳи мавзӯи мавриди назар дар рисолаи номзадии Саидаҳмадов М. аз он гувоҳӣ медиҳад, ки унвонҷӯ аз масоили таълиму тарбия дар ислом ва

бахусус, раванди таълим дар мактаби фиқҳии ҳанафӣ огаҳии комил дорад.

Дар муқаддима унвонҷӯ перомуни мазҳаби ҳанафӣ, ки Имоми Аъзам бунёдгузори он аст, сухан меронад ва арзиши ҳаётии ин мазҳабро дар роҳи иттиҳоду ҳамбастагии аҳли ислом дар тамоми гӯшаву канори олам ва аз ҷумла, дар Тоҷикистони мо, ки мардум асосан гаравидаи ҳамин мазҳаби таҳаммулгаро ҳастанд, таъкид месозад. Дар ин қисмат доир ба дараҷаи омӯзиши ин мазҳаб дар Тоҷикистону Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон ва мамолики араб сухан меравад. Дар мавриди усули таълими Имоми Аъзам перомуни тадқиқоти дар Тоҷикистон ба миёномада сухан рафтааст. Инчунин унвонҷӯ доир ба ҳадафи тадқиқ, масъалаҳои мавриди тадқиқ, асосҳои умумии методологияи тадқиқ, асосҳои назариявӣ, манбаъҳо, заминаи таҷрибавӣ-озмоишӣ, навгониҳо, аҳамияти назарию амалӣ, сарчашмаҳо ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя манзуршавандаи тадқиқ мулоҳиза рондааст. Ӯ масъалаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар 7 қисмат пениҳод намудааст, ки мақсад ва вазифаҳои тадқиқро равшан месозанд.

Унвонҷӯ дар муқаддима ба он натиҷа мерасад, ки дар диссертатсия бори нахуст шеваи таълими рӯзгору осори Имоми Аъзам таҳқиқ шуда, роҳҳои нисбатан осони шинохти мазҳаби ҳанафӣ, раванди таълими он дар зинаҳои гуногуни таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва Донишгоҳи исломии Тоҷикистон таъйин шудааст.

Боби аввали рисола “Усули таълими зиндагинома, шеваи тадрис ва осори андарзии Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит” номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои асосии пажӯҳиш ҳаллу фасл шудааст. Муҳимтарин нуктаҳои ин бахш дар доираи 3 фасл тадқиқ шудааст.

Бояд гуфт, ки пас аз садсолаи аввали ҳиҷрати ҳазрати Паёмбари ислом Муҳаммади Мустафо (с) пайдоиш ва нуфузи мактабҳои илмии Бағдод, Кӯфа, Басра, Мадина ва дигар марказҳои фарҳангии хилофат аҳли дониш ва фарҳанги исломро бори дигар ба ҳам овард ва ба рушду нумӯи илму ирфон такони тозае дод. Дар замоне, ки ҷомеаи исломӣ рӯ ба

такомул оварда буд ва масоили зиёди ҳуқуқӣ пайдо шуда буданд, на ҳар кадом донишманде равиши ҳаллу фасли он масоилро дар асоси оёти Каломи раббонӣ ва аҳодиси набавӣ ошкор гардонида метавонист. Унвонҷӯ тавассути тадқиқоти хеш нишон додааст, ки чун мавзӯи таҳқиқ доир ба рӯзгору осор ва андешаҳои яке аз бузургони олами ислом ва поягузори мазҳаби ҳанафӣ Имоми Аъзам аст, донистани вазъияти сиёсӣ ва динии он даврон ногузир аст.

Аз ин рӯ, дар ин бахш усули тадриси авзои сиёсию динии замони зиндагии Имоми Аъзам, ки 52 соли ҳаёташро дар замони салтанати умавиҳо ва 18 солашро дар замони хукуматдории аббосиҳо гузаронидааст, нишон дода шуда, заминаҳои фарҳангӣ, омилҳои пайдоишу ривоҷи мазҳаби ҳанафӣ ва усулҳои суннатии таълими Қуръону аҳодиси набавӣ дар мактабу мадориси Мовароуннаҳру Хуросон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин замина зикр мегардад, ки нимаи дуюми асри 7-ум барои интишори дини ислом давраи хеле ҳассос ва пурмоҷаро буд.

Унвонҷӯ таъкид мекунад, ки тақозои замон ногузир Имоми Аъзам ва мактаби фиқҳии ӯро рӯйи кор овард ва меафзояд, ки Имом Абӯҳанифа шогирди Ҳаммод ибни Сулаймон буд, ки ӯ дар навбати худ шогирди Иброҳими Нахаъӣ буда, Нахаъӣ аз Алқама ибни Қайс таълим гирифтааст ва ӯ шогирди Абдуллоҳ ибни Масъуд буд.

Муҳаққиқ бо мақсади равшан сохтани мавқеи сиёсиву мазҳабии Имоми Аъзам ва шеваи пешниҳоди таълимоти ӯ барои шогирдонаш, ҳамзамон дар хусуси дар фиқҳ машҳур шудани ӯ маълумот медиҳад ва меафзояд, ки гурӯҳе аз уламо аз Абӯҳанифа мазҳабашро омӯхтанд ва пайравӣ намуданд. Шогирдони ӯ Абӯюсуф, Муҳаммади Шайбонӣ, Ҳасан ибни Зиёд ва Зуфар минбаъд андешаҳои Имоми Аъзамро инкишоф доданд.

Маълум мегардад, ки унвонҷӯ ба манобеи зиёди таърихиву мазҳабӣ дастрасӣ пайдо кардааст, ки зиндагии Имоми Аъзам ва фаъолияти мазҳабии ӯро хеле муфассал ва фарогир рӯйи коғаз овардааст. Иттилооти дар хусуси рӯзгору осори Абӯҳанифа овардашуда ва

андешаронии муаллиф ҳамеша мустанад буда, аз ҷустуҷӯйҳои густардаи ӯ дарак медиҳанд. Тавассути чунин тадқиқот фарзанди бузургу донишманди халқи тоҷик Имоми Аъзам ба ҳайси омӯзгори нотакрор, олими фарҳехта, муборизи роҳи дин, фидоии маърифати Худованд ва шинохти аҳодиси набавӣ барои имрӯзиён муаррифӣ мегардад.

Боби дуюми рисола "Усули таълими зиндагинома, шеваи тадрис ва осори андарзии Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит" ном дошта, унвонҷӯ ҷанбаҳои асосии ин мавзӯъро бо равиши хос баррасӣ намудааст. Нахуст сухан дар бораи усули таълими зиндагиномаи Имом Абӯҳанифа меравад ва пайваста ба он масъалаи тарбияи хонандагон дар устуворӣ ва ҷавонмардӣ дар пайравии корҳои шоистаи Имоми Аъзам гуфта шудааст. Додани фатвоҳои динии Имоми Аъзам ва ҷанбаҳои таълимии он, тарбияи таҳаммул ва даъват ба ваҳдату ягонагӣ тавассути овардани ривоятҳо аз рӯзгори Имом Абӯҳанифа низ баррасӣ гардидааст.

Дар ин бахш тавсия мегардад, ки дар таълими зиндагии Имоми Аъзам дар баробари методҳои нақлу сӯҳбат ва муқоиса омӯзгор метавонад аз усули таълимии лексионӣ истифода барад. Қиёсу муқобалаи замони Имоми Аъзам бо рӯзҳои мо дар масъалаи пайдоиши хурофот ва мухолифати мазҳабҳо ба ҳайси усули муассири таълим дар асоси зиндагии Имоми Аъзам барои омӯзгорон тавсия мегардад, ки арзиши махсуси тақвияти таҷрибаи ҳаётӣ барои ҷавонон дорад.

Қисми дигари ин бахш ба таълими мунозираҳои Имом Абӯҳанифа марбут мебошад. Тафриқаи мунозираҳои шаръӣ аз мунозираҳои бадеӣ, риоя намудани эҳтироми ҳамдигар, роҳандозии саволҳои муаммовӣ, шикасти кибру ғурур, бетарафӣ ва зарари он ва намунаи беҳтарини мунозираро дар симои Имоми Аъзам ва шогирдонаш нишон додан аз мавзӯъҳои асосие мебошанд, ки дар ин боб ҳаллу фасл гардидаанд.

Дар шарҳи чунин масоил унвонҷӯ ҳадс мезанад, ки услуби мунозираи Имом Абӯҳанифа дарси муҳимест барои устодон ва донишҷӯён, зеро басо мешавад, ки баҳсу мунозираҳо ба ҷангу низоъ меанҷоманд. Мақсад аз баҳсу мунозираи илмӣ нишон додани дониш ва қудрати худ нест,

балки мунозира бояд барои равшан гардидани масъалаҳои мубрам сурат бигирад. Дар муассисаҳои таълимии имрӯза усули мубоҳиса (диспут) роиҷ аст, ки тариқи он таълим додани мунозираҳои фиқҳии Имоми Аъзам бисёр мувофиқ хоҳад буд.

Масъалаҳои дигари ин боб ба шарҳи зиндагӣ ва фаъолияти илмии шогирдони кӯшо ва донишманди Имоми Аъзам – Абӯюсуф, Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ ва Имом Зуфар пайванд мегиранд. Дар баробари тафсири ин масоил унвонҷӯ ривоятҳои зиёде меоварад, ки муддаоро мустанад намояд ва инчунин омӯзгорон аз онҳо дар дарсҳояшон фаровон истифода кунанд. Унвонҷӯ кӯшидааст, то ба фаъолияти илмию таълимии шогирдони мазкур баҳои сазовор диҳад, таъкид созад, ки поягузории мазҳаби ҳанафӣ осон ба даст наомадааст ва дар ин росто аз санадҳои зиёд истифода кардааст.

Масъалаи дигари ин боб усули таълими "Васиятнома"-и Имом Абӯҳанифа буда, тариқи ин васиятнома унвонҷӯ аз тарзи таълими ин омӯзгори мазҳаби ҳанафӣ, ки бо овардани далелҳои ақлӣ ва нақлӣ барои шарҳи масоил роҳ мекушод, намунаҳо оварда, мувофиқи дониши шунаванда сӯҳбат кардан, ҳамеша ростқавл буданро барои омӯзгорону шогирдони имрӯза ташвиқ мекунад. Таъкиди Абӯҳанифаро, ки: "ҳар шогирде ки заковат ва илмаш бештар аст, барои ӯ далели нақлӣ биоваред ... ва ҳар шогирде ки илму фаҳмишаш камтар аст, барои ӯ далели ақлӣ биоваред, то он ҷавон низ ақлаш ба кор афтад", унвонҷӯ санад меоварад.

Дар ҳамин бахш арзиши "Васиятнома" шарҳ дода шуда, шартҳои имон, тақдир, фарз, фазилат, маъсият ва монанди инҳо тафсир мешавад. Инчунин, ташвиқҳои Имоми Аъзам ба шогирдонаш, ки: "дар анҷом додани корҳои хайр ҳамеша пешдаст бошанд, хидматҳои чаҳор ёрони Паёмбари ислом (с)-ро қадр кунанд, аз он ки Худованд гурӯҳбозиву фитнагаронро дӯст намедорад ва ислом ҳамеша мардумро ба бародарӣ ва ватандӯстиву хештаншиносӣ даъват мекунад, то ки шогирдон омода бошанд, ки ба баъзе дасисаҳои фитнаангезон гирифтор нагарданд, огаҳ

бошанд, баррасӣ гардидааст. Ҳамин тавр, 12 фасли васиятнома шарҳу тафсир ёфтааст.

Усули таълими “Андарзнома”-и Имом Абӯҳанифа низ бо ҳамин равиш тафсир гардидааст ва нисбатан комил ва муфассал оварда шудааст. Унвонҷӯ андарзҳои ҳакимонаи Имоми Аъзамро дар пайванд ба зиндагии имрӯза тафсир намуда ба чунин натиҷа мерасад, ки “гӯё Имоми Аъзам аз дуриҳо кирдори моро дида, насиҳат мекарда бошад”, аз қабили, масъалаи илм ва дунё, ки наметавонед дар як вақт ҳар дуро ҳосил намоед.

Боби сеюми рисола “Усули таълими ақоиди мазҳабии Имом Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит” ном гирифтааст. Дар ин бахш унвонҷӯ кӯшидааст, ки усули таълими таснифоти Имом Абуҳанифа дар илми калом, фиқҳ, шеваи омӯзиши ақоиди Имом Абӯҳанифа ва мазҳаби ӯро баррасӣ ва таҳлил намояд.

Тавре ки аён аст, нахустин чизе, ки нависандаро ба таълиф водор мекунад, мавзӯву масоили зиндагист. Аз ин рӯ, дар фасли аввали ин боб осори Имом Абӯҳанифа, ки ақоиди мазҳабии ӯро муаррифӣ мекунанд - “Фиқҳи акбар”, “Фиқҳи абсат”, “Ал-олиму вал-мутааллим”, “Ал-васият” ва “Муснад” аз ҷиҳати мавзӯъ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Унвонҷӯ Саидаҳмадов М. Имоми Аъзамро ба ҳайси олими тавоно шинохта, таснифоти ӯро дар калому фиқҳу ҳадису тафсир шарҳ медиҳад ва вусъати масоили фарогирифтаро бо овардани намунаҳо нишон медиҳад. Дар ҳамин радиф, ҳангоми зарурат аз тарафи Имоми Аъзам муҳофизат шудани пайравонашро ҳангоми бархӯрд бо ақидаи галати марҷияҳо оварда, аҳли илму фазл ва зиёиёни моро ба огаҳӣ ташвиқ мекунад, ки ҷавонони моро ҳам чун Имоми Аъзам аз афкори бегона ҳифз бояд кард, то аз ақида ва фитнаҳои бегонагон мазҳаби хешро дифоъ карда тавонанд.

Дар шарҳу тафсири масоили тадрис истифода кардан аз усули муаммовӣ тарзи бисёр муассир ба ҳисоб меравад. Моҳияти асосии омӯзиши муаммовӣ дар он аст, ки ба шогирдон донишҳо дар қолаби

тайёр ва бе меҳнат пешниҳод нагарданд, балки онҳо тавассути фаъолияти шахсӣ ва амалиёти мустақилона, бо меҳнати фикрӣ он донишҳоро ба даст оранд. Дар қисмати навбатӣ шарҳи масоил бо истифода аз усули муаммовие, ки Имоми Аъзам дар раванди тадрис аксаран ба он рӯ меовард, бозгӯ мегардад. Аз он ҷумла, унвонҷӯ чанд санад аз Имоми Аъзам дар шинохти Худованд меорад, ки тариқи муаммовӣ ҳаллу фасл шудааст. Яъне Абӯҳанифа барои шарҳи чунин масоил дар назди муҳассилине, ки нисбатан камдониш буданд, саволҳое мегузошт, ки хусусияти муаммовӣ дошта бошанд, аз қабили:

1. Ақл қабул намекунад, ки киштӣ бе нохудо ба манзил бирасад, пас ин олами коинот худ ба худ идора мешуда бошад?
2. Агар Худованд пайғамбару китобе намефиристод, инсон чӣ тавр Холиқи худро мешинохт? Ва монанди инҳо.

Хулосаи кор фишурдаи рисоларо дар 17 қисмат бозгӯ мекунад, ки аз назари амиқи муҳаққиқ ба мавзӯъ огаҳӣ медиҳад ва аз анҷом ёфтани пажӯҳиши тоза дар илми назария ва методикаи таълиму тарбия хабар медиҳад.

Диссертатсия бо услуби хос ва забони равону фаҳмо таълиф гардида, дар он баҳсҳо бо истифода аз сарчашмаҳои динӣ, илмӣ, адабӣ ва таърихӣ, осори тадқиқотӣ ва бо овардани санадҳо аз таълифоти гаронмояи Имоми Аъзам, Пешвои миллат ва донишмандони дигар бо равиши махсус сурат гирифтааст. Ин гуфтаҳо гувоҳи онанд, ки дар равишшиносии тоҷик як мавзӯи хеле муҳим дар заминаи пажӯҳиши муайян ҳаллу фасл гардидааст.

Дар маҷмӯъ, аз мӯҳтаво ва мундариҷаи рисола метавон дарёфт, ки тадқиқоти анҷомдодаи Саидаҳмадов М. М. саҳифаи тозае дар равишшиносаи имрӯзаи тоҷик хоҳад буд.

Дар баробари дастовардҳои мазкур дар рисола баъзе камбудиву норасоиҳо мушоҳида шуданд, ки ба назари эътибор гирифтани он боиси беҳтар шудани ҳусни тадқиқот хоҳад буд:

1. Дар рисола ҳарчанд сухан аз омӯзиши таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ ва донишкадаи исломӣ меравад, вале доир ба барномаҳои таълими фанни таърихи дин дар мактабҳо ва мадрасаву донишкадаи исломӣ ҳарфе гуфта нашудааст; мавқеи таълимоти Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимии мазкур низ нишон дода нашудааст; агар, намунаи як дарс, аз фанни таърихи дин дар тасдиқи гуфтаҳои боло оварда мешуд, ҷанбаи амалии корро пурқувваттар мегардонид.

2. Дар овардани иқтибосҳо қоидаҳои маъмулӣ сарфи назар гардидааст: ҷудо кардани иқтибосҳо аз сухани муаллиф тавассути нохунак (“”) на ҳамеша риоя гардидааст.

3. Унвонҷӯ доир ба зиндагии Имоми Аъзам маълумоти лозима овардааст, вале усули таълим ва равиши тадриси ин мавзӯъ ба таври аёнӣ бевосита нишон дода нашудааст. Яке аз талаботи дарсҳои замони ҳозира, ки риоя намудани низоми салоҳиятнокӣ дар таълим мебошад, низ ба таври ҷудогона ва бо овардани намунаҳо нишон дода нашудааст.

4. Дар рисола ғалатҳои услубӣ, имловӣ ва китобатӣ дучор меоянд. Баъзан дар навишти асноди шоҳид низ чунин ғалатҳо мушоҳида мешаванд.

Бояд гуфт, ки бо вуҷуди норасоиҳои зикргардида кори илмии Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич тадқиқоти анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, фишурда ва мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ мӯҳтавои рисолаи ӯро инъикос менамояд.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки тадқиқоти диссертатсионии Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич ба талаботи меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
Аҳмадов Мирзоҳабиб

***Сурога:***

*735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ш. Хуҷанд, маҳаллаи 20-ум,*
*хонаи 09, ҳуҷраи 53*
*тел: 92 – 722 – 19 – 50*
*E- mail: mirzokhabib @ bk. ru.*

*Имзои Аҳмадов М.-ро тасдиқ менамоям.*
*Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи*
*Давлатии Хуҷанд ба номи академик*
*Бобоҷон Ғафуров*
*Ашрапова З.Н.*
________2020 14. 01. 2020

***Сурога****: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,*
*хиёбони Мавлонбекова 1*
*тел:+(992)927388887*
*E-mail: ddhkadr@mail.ru*